## *АНАТОМИЯИ КОРРУПСИЯ*
### *(ё худ чаро коррупсия ҷомеаро тарк намекунад)*

Коррупсия падидаи мураккаби иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, дар ин ё он шакл ва ё дараҷа ҳамаи кишварҳои оламро фаро гирифтааст. Пайомади манфие, ки коррупсия ба ҷомеа меорад, барои ҳамагон маълум аст. Ҳамеша барои мубориза алайҳи ин падида иқдомҳои мухталифе сурат мегиранд. Дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ санадҳои меъёриву ҳуқуқие қабул шудаанд, то пеши роҳи амалҳои коррупсиониро гиранд ва маҳдуд гардонанд. 31-уми октябри соли 2003 Ассамблеяи генералии СММ Конвенсия оид ба мубориза алайҳи коррупсияро қабул кард. Ҳамчунин Ассамблея муқаррар кард, ки баҳри ҷоннок шудани мубориза алайҳи коррупсия ва дарки амиқи масъалаи коррупсия 9-уми декабр бояд Рӯзи байналхалқӣ мубориза бо коррупсия унвон ва пазируфта шавад.

Бо дарки масъалаи мазкур ва ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар як муносибати ихтисосӣ ба падидаи коррупсия дар ҷомеаи тоҷикистонӣ ба амал бароварда мешавад. Таҳлили падидаи коррупсия ва шинохти он, ҳамчунин замина, сабаб ва омилҳои ба вуҷуд омадани он дар ҷомеа назди мо вазифа мегузорад, то доир ба анатомияи коррупсия андешаронӣ ва масъалагузорӣ карда бошем.

Омилҳо ва сабабҳое, ки намегузорад коррупсия ҷомеаро раҳо намояд, инҳоянд:

1. ***Коррупсия ҳамчун унсури ҳаётӣ.*** Моҳияти ин дар он зоҳир мешавад, ки гӯё коррупсия ба сифати манфиатҳои ҳаётӣ баромад менамояд. Ҳеҷ як меъёр ва қоидае наметавонад ин падидаро манфӣ ҷилва диҳад, зеро он меъёрҳо ҳамеша бо назардошти манфиатҳо ва талаботҳо қабул мешаванд. Ба ин хотир, коррупсия аз ҷомеаи кунунӣ дур намеравад;
2. ***Коррупсия ҳамчун сарчашмаи иловагии даромад***. Дар ҷомеаи муосир бо сабаби ҷамъоварии маблағ ва захиранамоии он барои аксари қишри ҷомеа ришвагирӣ омил шуда метавонад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳисоби коррупсия гунаҳои алтернативии даромад дар ҷомеа ба роҳ монда мешавад. Ба ин тариқ тасдиқ мегардад, ки ҷомеа бидуни коррупсия наметавонад пеш равад;
3. ***Коррупсия ҳамчун василаи пайвасткунандаи манфиатҳои муштарак***. Дар мавриди зайл коррупсия ба сифати василае баромад менамояд, ки ба манфиати тарафайн нигаронда шудааст. Яъне манфиатҳои ришвагир ва порадиҳандаро ҳимоя менамояд. Дар ин ҳолат ягон касе аз ҷонибҳои манфиатдор зарар намебинанд. Коррупсия дар ин маврид ба олами чорчӯбаи ғайриқонунӣ баромада, тарафҳои манфиатдорро қонеъ менамояд. Дар ин маврид коррупсия тасдиқ кардааст, ки қонунҳои мавҷуда наметавонанд ба манфиати ҷомеа бошанд. Ба ин хотир масъалаҳоро хориҷ аз доираи қонунӣ дида мебароянд ва он нигилизми қонунӣ аст.
4. ***Коррупсия ҳамчун падидаи номуайян***. Дар шароите, ки падида ва анатомияи коррупсия дақиқ муайян нашудааст, чи гуна метавон бо он

мубориза бурд? Ҳаҷм ва сатҳи коррупсия ва амалҳои ба он монанд (тухфа) ташхиси коррупсияро душвор мегардонад. Дар чунин ҳолат объекти масъала муайян нагардидааст. Ба ин хотир, зимни муносибат бо он поймолкунии падидаҳои дигар низ ба чашм мерасанд.

5. ***Коррупсия дар ҷомеаи мусулмонон.*** Аз назари шаръӣ дар ҷомеаи ватанӣ, ки аксаран мусулмононанд, ришва ҷоиз нест. Аз ин рӯ, давлат барои худ як низоми махсуси қонунӣ қабул намудааст, то коррупсия дар раванди ҳаёти шаръӣ ва ғайришаръӣ мусоидат накунад.

6. ***Пулпарастӣ ва молпарастӣ монеаи коҳишёбии коррупсия***. Дар ҷомеаи мутамаддин мақоми маблағ хосияти муайянкунандагиро касб менамояд. Он воситаи ҳалли кулли масъалаҳост. Ҷомеа саъй менамояд, ки ба ҳар роҳ маблағ ба даст оварад. Ин раванд тамоми омилҳои ахлоқиро сарфи назар ва поймол менамояд.

7. ***Исботнамоӣ ва ҳақбарории амали коррупсионӣ***. Мавридҳоеро дучор шудан мумкин аст, ки баъзе афрод амали ришвагириро ҳақ мешуморанд. Бо мурури вақт ин фаҳмиш хусусияти оммавиро касб карда, ба одат табдил меёбад. Ин амал метавонад дар фасоднамоии раванди ҳаётӣ мусоидат намояд.

8. ***Системашавии амалҳои коррупсионӣ.*** Коррупсия дар ҷомеа дар сатҳи гуногун ҷой дорад ва он то андозае институтсионалӣ шудааст. Ҷомеа тавассути коррупсия сатҳи нави муносибатро ба вуҷуд оварда, дар раванди ҳаёт худро бо ин амал мепайвандад. Амалҳои коррупсионӣ дар ҷомеа дар шакли ҳалқа (сикл) вуҷуд дорад, ки ҷомеаро дар ин ё он муносибат ба худ мекашад. Шаҳрвандон дар ин ҳалқа дар шаклгирии амалҳои коррупсионӣ ширкат менамоянд. Ба ҳамин тариқ дар фазои ҷамъиятӣ амалҳои коррупсия ҳифз карда мешавад ва дар системаи ҷамъиятӣ коррупсия ҷойгоҳи худро нигоҳ медорад.

9. ***Ташаккулёбии шуури коррупсионӣ***. Омили системашавии амалҳои коррупсионӣ табиист, ки дар шаклгирии шуури коррупсионӣ мусоидат менамояд. Омили молиявие, ки дар коррупсия зоҳир мешавад, ба шуури одамон бе таъсир намемонад. Одамон вобаста ба мушкилоти пешомада дар андешаи вуҷуд надоштани коррупсия набуда, роҳи ҳалли масъаларо вобаста ба талаботҳои пешниҳодшудаи ришвагир дида мебароянд. Дар ин ҳолат падидаи коррупсия маҳфуз мемонад.

10. ***Шуури антикоррупсионии мусоидаткунандаи коррупсия.*** Ҷомеа дар зоҳир худро чунин вонамуд менамояд, ки гуё ҳамин падидаро дидан намехоҳад. Ин як навъи манипулятсияи афкори ҷамъиятӣ ба воситаи ҳар қишри ҷомеа аст. Дар ҳоле ки ҷомеа пинҳонӣ дар ин ё он шакл аз коррупсия истифода ва манфиат мебарад. Шуури антикоррупсионӣ мусоидат менамояд, ки коррупсия дар сатҳи пӯшида ва зерипардагӣ боқӣ монад. Бояд дар хотир дошт, ки падидаи манфӣ будани коррупсия аз тарафи қонун маҳкум шудааст ва номашрӯъ будани онро таълимоти динӣ тасдиқ намудааст.

11. ***Заифии маънавии одамон - монеаи адами коррупсия***. Омили дигар ин заифии маънавии одамон мебошад, ки он дар надоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва нобоварӣ нисбат ба системаи қонунгузорӣ зоҳир

мешавад. Одамон дар ҷустуҷӯи адолат нашуда, тавассути амалҳои ғайриқонунӣ масъаларо ҳал менамоянд. Аз ин рӯ, коррупсия роҳи осони расидан ба мақсадро иҷро менамояд.

12. ***Бюрократияи дағал- омили дигари коррупсия***. Бюрократизм як шакли тавлидкунанда ва мусоидаткунандаи амалҳои коррупсионӣ маҳсуб мешавад. Сӯистифода аз мансаб ва ба дарозо кашидани иҷрои кори шаҳрвандон як шакли ифодаи ришвагирӣ мебошад, ки ахиран ин амал таҳаққуқ меёбад. Шаҳрвандон, ки бо ин навъ муносибатҳо бисёр дучор шуданд, шакли дигари муносибати қонунӣ ва расмиро пайгирӣ накарда, зуд тариқи амалҳои коррупсионӣ барои ҳалли корашон камар мебандаднд. Ин сатҳи муносибат, ки дар алоқа бо шаҳрвандон рӯй медиҳад, боис мешавад, ки иҷтимоишавии шаҳрвандон бо омили коррупсионӣ ба амал ояд. Вақте чунин вазъ ба вуҷуд меояд, дигар ҳеҷ қонуне наметавонад сади роҳи коррупсияро гирад.

13. ***Коррупсия – ҳифзкунанадаи беадолатӣ.*** Дар ҷомеа мавридҳои мухталифе ба чашм мерасад, ки шаҳрвандон заифии худашонро тавассути коррупсия мепӯшонанд. Тавассути коррупсия мумкин аст, уҳдадориҳои конститутсионӣ аз зиммаи шаҳрванд барканор карда шавад. Ин амал, аввалан, зиддиқонунӣ маҳсуб шуда, сониян, беадолатиро дар система насб менамояд.

14. ***Набудани ҷасорат ва иқдоми самимии зиддикоррупсионӣ***. Дар ҳолате се арзиш: пиндор, гуфтор ва рафтор бо ҳам ихтилоф дошта мувофиқат наменамоянд, коррупсия нобуд намешавад. Аз ин ҷо, мушкилӣ на дар коррупсия, балки дар худи одамон аст. Одамон муҷиби пайдоиши коррупсия шудаанд ва танҳо онҳо метавонанд онро нобуд намоянд.

Дар интиҳо гуфтанием, ки ба шаҳрвандон тарбияи маънавии зиддикоррупсионӣ дода шаваду бо дарназардошти арзишҳои миллӣ-динӣ зарари маънавӣ ва моддии коррупсия муайян карда шавад. Бояд ҳамагон дарк намоянд, ки агар иқдоми зиддикоррупсионӣ хусусияти оммавиро касб намояд, нақшае, ки зимни амалҳои коррупсионӣ ба вуҷуд меоянд, нобуд мешавад.

***К.Қ. НАЗРИЕВ***